Ҷӯра Ҳошимӣ

# Мусиқии хомӯшӣ





**Барои хонандагонам**

Эй дӯстрӯяконам,
Эй дӯстони ҷонам!
Баҳри шумо навиштам
Ман шеъру достонам.
Бе ёдатон набудам,
Кай буда ҳам тавонам?
Зеро, агарчӣ пирам,
Кӯдак бувад равонам.
Шояд ки офариданд
Аз баҳри кӯдаконам.
Бошад, ки ҳамчу ҳарфе
Дар ёдатон бимонам.

**Ҷӯра ҲОШИМӢ**

КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ҶДММ «Ҳоҷӣ Ҳасан»

ISBN 978-99

Ҷӯра Ҳошимӣ

# Мусиқии хомӯшӣ



ТҶБ «Истиқбол»

Душанбе – 2012

# МУБОРАКБОДӢ

(Илҳом аз А. Одинсова)

Шашасолаӣ ту акнун,
Шашсолагӣ муборак!
Шашсола – чашму бинӣ,
Шашсола – гӯшу торак.

Шашсола – ин шикамча,
Шашсола – дасту поча.
Сар то қадам ту имрӯз
Шашсолаӣ, балоча!

Шаш кулча метавон хӯрд,
Шаш тарбузи алопар.
Шаш коса аз нишалло,
Шаш себу ноки дигар.

Аммо наметавон ёфт
Шашто шикам қаторак.
Бо як шикамчаат ҳам
Шашсолагӣ муборак!



# МУСИҚИИ ХОМӮШӢ

Як дам! Як дам бе гап шин,
Як дам хомӯшу хап шин.

Олам гардад чун хомӯш,
Хомӯш андоз онро гӯш.

Хомӯшӣ ояд хомӯш,
Як дам осояд то гӯш.

Хомӯшӣ ояд дар дил,
Шавқе бахшояд бар дил.

Хомӯшӣ ояд дар ҷон,
Ҷоне афзояд бар ҷон.

Бишнав, дорӣ то гӯше,
Мусиқии хомӯшӣ.





## ЛАКЛАК

Лак-лак-лак – ояд лаклак,
Лаклак ояд – лак-лак-лак!

Пояш бошад ду хода,
Нӯлаш бошад як калтак.

Шинад дар лаклакхона,
Бинад ҳар сӯ пак-пак-пак.

Олам бошад осуда,
Бол афшонад так-так-так!

То мо шод аз он бошем,
Шодон бинвозад таблак:

Бум-бака, бум-бака, бум-бак-бум!
Бум-бака, бум-бака, бак-бак-бак!



## ХУШНАВОЗ

Гиж-дову дингу данге,
Чак-чоку чингу чанге…

Як машқи дилнавозе,
Оҳанги шӯху шанге!

Оё навои борон
Ояд аранг-аранге?

Ё булбуле сарояд
Шайдои бӯю ранге?

Ё кабк нағма хонад
Дар тори тобасанге?

Ё оби чашма ғелад
Аз санг то ба санге?

Ё бод сабзаҳоро
Хуш ёфт дар яланге?

Ё чанг менавозад
Чангии шӯхчанге?



## ЧАШМА

Чашма бувад ҳамчу нур,
Чашма равад бо сурур.

Чашма кушояд нафас,
Чашма хуш ояд ба кас.

Чашма биёрад сафо,
Чашма чӣ дорад?
Сахо!

Чашма чӣ хонад?
Суруд!
Чашма чӣ гӯяд?
Дуруд!

Чашма чаро беқарор?
Чашма куҷо расипор?

Чашма шитобад ба дур!
Чашма ба мардум зарур!



# САЁҲАТ

Хона, хона, дӯлона,
Дӯлона, хона, хона.

Дашту пушта, ҷӯву чар,
Паҳнову кӯҳу ёна.

Гову аспу мурғу саг,
Хиргоҳе тобистона.

Як туту ду зардолу
Бо ҳам руста сегона.

Ояд ҳар дам дар чашмам
Тасвире аз афсона.

Мошин метозад бар пеш,
Дар пас мемонад хона.

Оё бошад чашмамро
Серӣ аз дидан? Ё на?



# ШАМОЛАК

– Дарвозаро кӣ кӯбад?
– Шамолак!
– Ҳавлии мо кӣ рӯбад?
– Шамолак!

– Дар пуштаҳо кӣ тозад?
– Шамолак!
– Бо сабзаҳо кӣ бозад?
– Шамолак!

– Ин гуна хуш кӣ хонад?
– Шамолак!
– Маънии он кӣ донад?
– Шамолак!

– Ин нозбӯ кӣ дорад?
– Шамолак!
– Дар ҷони мо кӣ форад?
– Шамолак!



## МОҲ КУҶО МЕРАВАД?

Моҳ чаро меравад?
Моҳ куҷо меравад?

Гашта ба мо ҳамқадам,
Моҳи само меравад?

Ҳамраҳи мо як сабад
Нуру сафо меравад?

Сар ба сару бар ба бар,
Пойи ба по меравад?

Мо чу ба манзил расем,
Моҳ куҷо меравад?

Ё ки вай аз рӯйи меҳр
Хонаи мо меравад?

Ҷӯра Ҳошимӣ

МУСИҚИИ ХОМӮШӢ

(Маҷмӯаи шеърҳо барои кӯдакони синни томактабӣ ва хурди мактабӣ)

Муассис: Латофат Кенҷаева
Муҳаррир: Юсуфҷон Аҳмадзода
Мусаввир: Олим Камолзода
Ороишгар: Комрони Раҳмон
Мусаҳҳеҳ: Ганҷина Муллоҷонова

Ба чоп 14/01/2012 супорида шуд. Ба чопаш 27/01/2012 имзо шуд. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$
Коғази офсет №1. Ҷузъи чопию ҳисобӣ 2,5.
Адади нашр 5000. Нархаш шартномавӣ.




## ОФТОБАК

Аз хона Марҷон
Шодон буромад,
Аз зина Марҷон
Тозон фуромад.

То кӯча рафт ӯ
Бозӣ ба бозӣ,
Бо баччаҳо кард
Ӯ тоз-тозӣ.

На рӯймоле
Ӯ бар сараш баст,
На дастпӯшак
Пӯшид бар даст.

Аз барф дигар
Марҷон натарсад,
Дигар зи сармо
Марҷон наларзад.

Чун офтобак
Рахшад ба олам,
Гармиву шодӣ
Бахшад ба одам!


ISBN 978-9947-53-77-2

ТҶБ «Истиқбол», 2012, ш. Душанбе,
хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16
Тел: (99237) 238-53-01, (918) 82-94-75
E-mail: istiqbol.tj@list.ru
Website: www.istiqbol.org

Дар интишороти «Imak-ofset» ба нашр расидааст